# Ҳисоботи семоҳаи ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Пажуҳиш” дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 26 Апрел, 2021 - 15:08
[1]

Имрӯз дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи ташкилоти ибтидоии Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон “Пажуҳиш” баргузор гардид. Дар он 14 нафар аъзои ҳизб ва намояндаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар н.Шоҳмансур Ғализода Муҳаммад иштирок карданд.
Дар кори маҷлис ҳисоботи семоҳаи ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Пажуҳиш” дар соли 2021 шунида шуд. Баъдан, намояндаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар н.Шоҳмансур Ғализода Муҳаммад суханронӣ карда, ҳисоботи семоҳаро қаноатбахш шуморид.

Дар маҷлис ба масъалаи фаъолиятҳои ҳизбиён дарростои ватанпарастию ватанхоҳӣ ва хештаншиносию ифтихор аз он суханрониҳо сурат гирифта, итминон карда шуд, ки таҳти сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба татбиқи ҳадафҳои барномавии ҳизб ноил гардида, кишвар ва мардуми шарафманди Тоҷикистонро ба суйи арзишмантарин хостаҳои миллӣ ва зиндагии шоиста роҳнамоӣ мекунад.

Дар охир ба як нафар корманди Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимзода Маҳмадёр билети ҳизбӣ супорида шуд.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 5 (2 овоз)

Rate

## Категория:

- Гузоришҳо [2]
- Ахбори рӯз [3]

**Манбаъ::**https://www.kumitaizabon.tj/tg/content/khisoboti-semokhai-tashkiloti-ibtidoii-khizbii-pazhukhish-dar-kumitai-zabon-va-istilokhoti?page=3

**Пайвандҳо**
[1] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/IMG_20210426_162208.jpg [2] https://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B3%D1%83%D0%B7%D0%BE%D1%80%D0%B8%D1%88%D2%B3%D0%BE [3] https://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7